Замимаи № 1
Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 апрели соли 2012,
№201 тасдиқ шудааст

# Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020

Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 (минбаъд - Барнома) - ин барномаи тадбирҳои дарозмӯҳлат аст, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ба роҳ мондани фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, ҳамчун яке аз омилҳои асосии ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар бо роҳи таъмини шуғл ва баланд бардоштани сатҳи воқеии некӯаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва татбиқ карда мешавад.

Барнома барои идома додани корҳо оид ба гузаронидани ислоҳоти давра ба давраи ва маҷмӯии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, навсозии истеҳсолот ва равандҳои технологӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва ватанӣ, тақвияти ҳамкориҳои давлат бо бахши хусусӣ, мукаммалсозии низоми қарздиҳӣ ва молиявии дастгирии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, пешниҳоди субсидияҳои давлатӣ ва қарзҳои имтиёзнок ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна, беҳтар намудани сифат, афзун намудани хаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва содирот нигаронида шудааст.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳибкорӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шудаанд, аз он ҷумла:

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2002, №46 "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон";

-Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июни соли 2002, №666 тасдиқ карда шудааст;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004, № 37 "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият";

-Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, №469 тасдиқ карда шудааст;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2006, № 194 "Дар бораи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон";

-Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2007, №704 тасдиқ карда шудааст;

-Қонунн Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 марти соли 2009, №505 "Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон";

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, №508 "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ";

-Барномаи беҳбудии фазои соҳибкорӣ - 200 рӯзи ислоҳот, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2009, №386 тасдиқ карда шудааст.

2. Вобаста ба соддагардонии тартиби бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ, иҷозатномадиҳӣ, гирифтани ҳуҷҷатҳои мухталифи иҷозатномавӣ ислоҳот гузаронида шуда, тартиби гузаронидани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, расмиёти муфлисшавии корхонаҳо содда гардонида шуд, инчунин оид ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ дар Тоҷикистон тадбирҳои дигар амалӣ карда шуданд.

3. Аз рӯи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2005-2010 дар ҷумҳурӣ афзоиши устувори субъектҳои соҳибкорӣ мушоҳида карда мешавад.

Нишондиҳандаҳои афзоиши субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2005-2011

Ҷадвали 1.

| № | Намуди фаъолият | соли 2005 | соли 2006 | соли 2007 | соли 2008 | соли 2009 | соли 2010 | соли 2011 | Фарқияти с.2011 нисбат ба с.2005 бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | миқдор | миқдор | миқдор | миқдор | миқдор | миқдор | миқдор | фоиз |
| 1 | Шаҳодат-нома | 34074 | 37270 | 40475 | 44944 | 50340 | 52670 | 28130 | -5944 |
| 2 | Патент | 54485 | 64592 | 74201 | 77590 | 87383 | 55913 | 75342 | + 20857 |
| 3 | Шаҳсони Ҳуқуқӣ | 10885 | 11050 | 11362 | 12390 | 11488 | 12107 | 18617 | + 7732 |
| 4 | Хочаги-ҳои дехконӣ | 23101 | 24901 | 26518 | 30842 | 37966 | 51372 | 92989 | + 69888 |
| 5 | Ҳамагӣ | 122545 | 132813 | 152556 | 165776 | 187177 | 172062 | 215078 | + 92533 |

4. Аз маълумоти ҷадвал бармеояд, ки миқдори субъектҳои соҳибкорӣ дар соли 2010 нисбат ба соли 2009 коҳиш ёфтааст, ки ин пеш аз ҳама бо таъсири бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ ва баланд шудани нархи маҳсулоти нафтӣ алоқаманд мебошад, ки дар навбати худ ба вазъи иҷтимоиву иқтисодии кишвар таъсири манфӣ расонида, дигар омилҳои манфиро ба вуҷуд овард.

5. Дар натиҷаи қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, №508 "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010, №669 "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" тартиби нави бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ ҷорӣ карда шуд, ки бақайдгирии такрориро барҳам дода, барои муайян намудани миқдори воқеии соҳибкорон имконият фароҳам овард.

6. Новобаста аз чораҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сабукгардонии оқибатҳои бӯҳрони молиявӣ, зарурати андешидани чораҳои мушаххаси иловагӣ оид ба кӯмаки воқеӣ ба соҳибкорӣ, ҳамчун яке аз бахшҳое, ки ба рушди иқтисодиёти мамлакат мусоидат менамояд, ба миён омадааст.

7. Мувофиқи ҳисоботи ҳарсолаи Бонки Умумиҷаҳонӣ "Пешбурди тиҷорат" аз рӯи натиҷаҳои ислоҳоти дар солҳои 2009-2010 гузаронидашуда Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои хешро ба 25 банд беҳтар намуда, ба даҳгонаи давлатҳое, ки дар гузаронидани ислоҳот оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ пешсаф мебошанд, ворид гардид. Мақсади асосии гузаронидани ислоҳот соддагардонии тартиби таъсис ва фаъолияти корхонаҳо, таҳкими ҳуқуқи соҳибмулкӣ ва такмили расмиёти муфлисшавӣ, танзими баҳсҳои тиҷоратӣ ва беҳтар намудани шароити бақайдгирии корхонаҳо мебошад.

8. Бо вуҷуди тамоюли мусбати рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, омилҳое ба назар мерасанд, ки ба рушди истеҳсолот монеа эҷод мекунанд:

- номукаммалии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки рушди соҳибкорӣ, иҷозатномадиҳӣ, сертификатсиякунонӣ, гузаронидани санҷишҳо, андозбандии субъектҳои соҳибкории хурду миёна, содирот ва воридоти молҳоро танзим менамоянд;
- норасоии захираҳои молиявӣ ва сармоявӣ;
- сатҳи баланди коррупсия дар мақомоти давлатӣ;
- сатҳи нокифояи омодагии касбии кадрҳои ихтисосманди мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва соҳибкорӣ;
- рушди нокифояи инфрасохтори дастгирии соҳибкорон, хусусан соҳибкорони ҷавон;
- ҳамкории сусти давлат ва бахши хусусӣ;
- номукаммалии маҷмӯи карзидиҳиву молиявии дастгирии субъектҳои соҳибкории хурду миёна;
- сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат.

9. Низоми мавҷудаи қарздиҳиву молиявии дастгирии субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номукаммал буда, ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ намебошад. Хусусан, бобати пешниҳоди қарзҳо ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна аз ҷониби бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ меъёрҳои баланди фоизӣ истифода бурда шуда, қарзҳо нисбатан ба мӯҳлати кӯтоҳ дода мешаванд. Аз ин рӯ, дастрасии субъектҳои соҳибкории хурду миёна ба воситаҳои молиявӣ маҳдуд буда, дар натиҷаи он дар ҷумҳурӣ ҳолатҳои зерин ба мушоҳида мерасанд:

- сатҳи пасти рушди корхонаҳои саноатӣ ва кишоварзӣ;
- истифодаи техника ва таҷҳизоти истеҳсолии кӯҳнашуда;
- сатҳи пасти истеҳсолоти технологӣ;
- сифати паст ва рақобатнопазирии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ.

## 2. Мақсад ва вазифаҳои Барнома

10. Мақсади Барнома таъмини шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

11. Вазифаҳои Барномаи мазкур чунинанд:

- таъсиси фонди маблағгузорӣ барои дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ;
- дастгирии моддию техникии соҳибкорӣ аз ҳисоби пешниҳоди имтиёзноки таҷҳизот, биноҳои истеҳсолӣ ва технологияҳо;
- ташаккули инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи таъсиси мақоми дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва зиёд намудани ваколатҳои он;
- кам намудани монеаҳои маъмурӣ ҳангоми ташкил ва пешбурди тиҷорат;
- дастгирии давлатии самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкорӣ;
- рушди шаклҳои хоҷагидории хурду миёна;
- ҳавасмандгардонии таъсиси институтҳои худдастгирии соҳибкорӣ дар шакли кооперативҳои истеҳсолӣ, фурӯшӣ ва қарзӣ;
- дастгирии соҳибкории инноватсионӣ;
- таъмини дастгирии иттилоотӣ ва машваратии соҳибкорӣ;
- мусоидат дар омода ва такмили ихтисоси кадрҳо барои соҳибкорӣ;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои субъектҳои соҳибкорӣ, ки ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамоянд.

## 3. Такмили қонунгузорӣ дар соҳаи танзими фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ

12. Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рушди бахши соҳибкориро танзим менамоянд ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили онҳо.

13. Таҳияи лоиҳаи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки

рушди бахши соҳибкориро танзим менамоянд, зеро дар доираи санадҳои мавҷудаи меъёрии ҳуқуқии соҳаи соҳибкорӣ масъалаҳои зиёде ҳалли худро наёфтааст. Аз ҷумла, дар самти иҷозатномадиҳӣ ва санҷишҳо монеаҳои зиёд ҷой доранд ва дар мавриди қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор натиҷаҳои зерин ба даст меоянд:

- соддагардонии низоми иҷозатномадиҳӣ, аз ҷумла соддагардонии тартиби додани иҷозатномаҳо, ихтисори намудҳои фаъолияти иҷозатдодашуда, кам кардани мӯҳлати баррасии ҳуҷҷатҳои иҷозатномагиранда, ихтисори шумораи ҳуҷҷатҳое, ки барои гирифтани иҷозатнома лозиманд, таҳия ва ҷорӣ намудани регистри электронӣ, ворид намудани принсипи "хомӯшӣ - аломати ризо" ба тартиби иҷозатномадиҳӣ ва механизми "худиҷозатномадиҳӣ" (шарҳи принсипи "худиҷозатномадиҳӣ" дар лоиҳаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки минбаъд таҳия мегарданд, пешбинӣ карда мешавад) ба баъзе намудҳои фаъолият бо омӯзиши таҷрибаи дигар давлатҳо;

-соддагардонии низоми санҷишҳо, ихтисори миқдори мақомоти давлатие, ки гузаронидани санҷишҳоро амалӣ менамоянд.

14. Тавассути воситаҳои ахбори омма гузаронидани муҳокимаи ҷамъиятии лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рушди бахши соҳибкориро танзим менамоянд.

## 4. Мусоидат ба мустаҳкамгардонии ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ

15. Гузаронидани баҳодиҳии рушди соҳибкорӣ дар ҳама сатҳ ба мустаҳкамгардонии ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ мусоидат мекунад.

16. Васеъ намудани ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ бо роҳҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- пешниҳоди субсидияҳои давлатӣ ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна;
- пешниҳоди карзҳои имтиёзнок ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна;
- паст намудани меъёри андозҳо барои субъектҳои соҳибкории хурду миёна;
- соддагардонии тартиби содироти мол;
- мусоидат дар навсозии истеҳсолот ва равандҳои технологии истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва содироти он;
- мукаммалгардонии тартиби иҷораи моликияти давлатӣ;
- мукаммалгардонии тартиби ҷалб ва иштироки соҳибкорон дар тендерҳои давлатӣ, савдо ва фармоишҳои давлатӣ;
- гузаронидани вохӯриҳои мунтазам бо намояндагони бахши хусусӣ дар вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ошкор ва ҳал намудани мушкилиҳое, ки ба рушди соҳибкорӣмонеа мебошанд;
- гузаронидани намоишгоҳҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва ярмаркаҳои маҳсулоти ватанӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он.

## 5. Баланд бардоштани иқтидори соҳибкорон

17. Бо роҳи ташкил ва гузаронидани семинарҳо, конфронсҳо, курсҳои омӯзишӣ, мизҳои мудаввар ва дигар барномаҳои иттилоотию таълимӣ оид ба рушди соҳибкорӣ иқтидори соҳибкорон зиёд мешавад.

18. Ташкил намудани бизнес - инкубаторҳо(1) барои соҳибкорон дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Хоруғ ва Кӯлоб чунин имконотро медиҳанд:

- ба иҷора додани биноҳо бо шартҳои имтиёзнок ба субъектҳои соҳибкорӣ;
- ташкили хизматрасонии босифат ва касбӣ ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар зинаҳои гуногуни тараққиёт тавассути дастгирии суроғавии методӣ, иттилоотӣ, машваратӣ, омӯзишӣ ва ҳуқуқӣ, ҳамчунин рушди ҳамкорӣ байни субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна;
- баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва маърифатнокии ҳуқуқии соҳибкорон дар соҳаи соҳибкории хурд ва миёна;

- ташкили ҳамкории мутақобилаи субъектҳои соҳибкории хурду миёна бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

- муайян ва ҳал кардани масъалаҳои мавҷуда дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ.

## 6. Дастгирии иттилоотии субъектҳои соҳибкорӣ

19. Мақоми ваколатдори дастгирии давлатии соҳибкорӣ бо кӯмаки техникии ташкилотҳои донории байналмилалӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ сайти махсуси иттилоотӣ дар шабакаи "Интернет" таъсис медиҳад. Сайти мазкур соҳибкорони ватанӣва хориҷиро бо маълумот оид ба истеҳсоли молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

20. Тафсироти масъалаҳои рушди соҳибкорӣ тавассути васоити ахбори омма гузаронида мешавад.

21. Бо мақсади дастгирии иттилоотии субъектҳои соҳибкорӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори дастгирии давлатии соҳибкорӣ маводи зерин ба табъ расонида мешаванд:

- маводи иттилоотӣ ва дастурҳои методӣ дар бораи субъектҳои соҳибкорӣ;

- бюллетенҳои иттилоотӣ;

- феҳристи (каталоги) молҳои аз тарафи субъектҳои соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда.

## 7. Дастгирии субъектҳои соҳибкорие, ки бо истеҳсол ва (ё) фурӯши мол, корҳо ва хизматрасониҳо машғул мебошанд

22. Пешниҳоди дастгирии давлатии молиявӣ ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна тавассути пешниҳоди субсидияҳо, имтиёзҳои андозӣ ва сабукиҳои (преференсияҳои) гумрукӣ гузаронида мешавад.

## 8. Такмилдиҳии низоми қарздиҳӣ-молиявии дастгирии субъектҳои соҳибкории хурду миёна

23. Андешидани чораҳои зарурӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи ташкил намудани Фонди муштараки қарздиҳии хурд барои соҳибкорон.

24. Такмили механизмҳои ворид намудани институти кафолатдиҳӣ ҳамчун варианти имконпазири таъмини гарав.

25. Таҳияи пешниҳодҳои асоснок оид ба паст намудани меъёрҳои фоизи қарзҳое, ки аз тарафи бонкҳо ва дигар институтҳои молиявӣ ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна пешниҳод мешаванд.

26. Нав кардани механизмҳо ва сохторҳои қарздиҳӣ ва худмаблағгузории субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна (кооперативҳои қарздиҳӣ).

27. Такмили механизми маблағгузории давлатии қисми меъёри фоизи тиҷоратии қарзҳои бонкӣ, ки ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна пешниҳод карда мешаванд.

28. Таҳияи низоми ҷуброни давлатии фоизҳои бонкии қарзҳое, ки барои харидорӣ намудани таҷҳизоти инноватсионӣ ва баланди технологӣ аз ҷониби субъектҳои соҳибкории хурду миёна пешбинӣ шудаанд.

29. Таҳия ва пешниҳоди механизми самараноки лизинги таҷҳизот ва технологияҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

30. Рушди механизмҳо ва сохторҳои қарздиҳии хурд ва худмаблағгузории субъектҳои соҳибкории хурду миёна (кооперативҳои қарздиҳӣ).

31. Баррасии имконияти пешниҳоди имтиёзҳои иловагии андозӣ ба сармоягузороне, ки лоиҳаҳои дарозмӯҳлат ва ё лоиҳаҳои нави субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи ба рӯйхати намудҳои афзалиятноки фаъолияти соҳибкорӣ дохилшуда, хусусан ба соҳаи инноватсионӣ ва технологияҳои баланд алоқадоштаро маблағгузорӣ мекунанд.

32. Мутобиқгардонии қонунгузории бонкӣ бо чорабиниҳои Барномаи мазкур барои татбиқи такмилдиҳии низоми қарздиҳӣ ва дастгирии молиявии субъектҳои соҳибкории хурду миёна.

## 9. Мӯҳлати татбиқи Барнома

33. Барномаи мазкур дар се марҳила дар асоси нақшаҳои чорабиниҳое, ки барои татбиқи Барномаи давлатии дастгирии соҳибкорӣ бо тартиби муқарраргардида аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд, татбиқ мегардад.

Ҷадвали 2.

| № | Марҳила | Мӯҳлат сол | Чорабинӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Марҳилаи аввал | 2012-2014 | Нақшаи чорабиниҳо барои марҳилаи аввал замима мегардад. |
| 2. | Марҳилаи дуюм | 2015-2017 | Нақшаи чорабиниҳо барои марҳилаи дуюм соли 2014 таҳия ва қабул карда мешавад. |
| 3. | Марҳилаи сеюм | 2018-2020 | Нақшаи чорабиниҳо барои марҳилаи сеюм соли 2017 таҳия ва қабул карда мешавад. |

## 10. Маблағгузории чорабиниҳои Барнома

34. Маблағгузории чорабиниҳои Барнома аз ҳисоби маблағҳои буҷетии вазорату идораҳои соҳавӣ ва дигар сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ давра ба давра амалӣ гардонида мешавад. Ҳаҷми маблағгузорӣ барои татбиқи Барнома аз ҳисоби маблағҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Нақшаи чорабиниҳо ва Нақшаи маблағгузории татбиқи Барномаи мазкур муайян карда мешавад.

35. Ҳаҷми зарурии маблағҳо барои татбиқи марҳилаи аввали Барнома барои солҳои 2012-2014 6500800 (шаш миллиону панҷсад ҳазору ҳаштсад) сомониро ташкил медиҳад, аз онҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ - 5834100 (панҷ миллиону ҳаштсаду сию чор ҳазору сад) сомонӣ, аз ҳисоби маблағҳои ғайрибуҷетӣ -666700 (шашсаду шасту шаш ҳазору ҳафтсад) сомонӣ. Ҳамин тариқ, маблағгузорӣ дар соли 2012 - 2258700 (ду миллиону дусаду панҷоҳу ҳашт ҳазору ҳафтсад) сомонӣ, дар соли 2013 - 1905700 (як миллиону нӯҳсаду панҷ ҳазору ҳафтсад) сомонӣ ва дар соли 2014 - 2336400 (ду миллиону сесаду сию шаш ҳазору чорсад) сомониро ташкил медиҳад (мутобиқи замимаи № 2).

36. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола барои маблағгузории буҷетии Барномаи мазкур дархост - таҳия намуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд. Дархост барои маблағгузории буҷетии Барнома на дертар аз 10 августи соли муносиб пешниҳод карда мешавад. Лоиҳаи дархости молиявӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста мешавад. Дархост барои маблағгузории буҷетии Барнома мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли оянда ба инобат гирифта мешавад.

37. Дар ҳолатҳои мувофиқ омадани ҳадаф, вазифа ва чорабиниҳои Барнома бо ҳадаф, вазифа ва чорабиниҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, онҳо метавонанд дар чорчӯбаи имкониятҳои молиявии хеш Барномаро маблағгузорӣ намоянд.

## 11. Номгӯи намудҳои афзалиятноки фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ

38. Бо мақсади дастгирии молиявӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои афзалиятноки фаъолияти соҳибкории хурду миёна муайян карда шудаанд:

- соҳаи кишоварзӣ;
- истеҳсол ва коркарди маҳсулот, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти ниёзи мардум, маводи хӯрокворӣ, маҳсулоти саноатӣ;
- сохтмон, аз ҷумла сохтмони роҳҳо, пулҳо ва нерӯгоҳҳои баркию обии хурд;
- нобудсозии партовҳои саноатӣ ва маишӣ;
- хоҷагии манзилию - коммуналӣ;
- ташкили таълиму омӯзиши касбҳои техникӣ;
-туризм;
- фаъолияти инноватсионӣ.

## 12. Механизм ва идораи татбиқи Барнома

39. Идораи умумии рафти татбиқи Барномаи мазкурро Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

40. Барои мусоидат ба татбиқи Барнома, чорабиниҳои он ва мониторинги рафти татбиқи Барнома Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати амали Барнома гурӯҳи мутахассисонро, ки иборат аз 3 нафар мебошанд, доимӣ ҷалб менамояд.

41. Гурӯҳи мутахассисон аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси озмун таъин карда мешавад.

42. Ин гурӯҳ ӯҳдадорӣ ва вазифаҳоеро, ки аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба татбиқи Барномаи мазкур муайян шудаанд, ба ӯҳда дорад.

43. Маблағгузории фаъолияти гурӯҳи мазкур аз ҳисоби Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида шуда, имкониятҳои кӯмакҳои молиявӣ ва техникии ташкилотҳои хориҷӣ низ истифода бурда мешаванд.

## 13. Мониториг

44. Мониторинг ва ҳамоҳангсозии раванди татбиқи Барномаро Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯҳда дорад.

45. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти корхонаҳои хурди навтаъсисшуда ва корхонаҳои соҳаи инноватсиониро, ки дар шакли субсидия кӯмаки молиявӣ гирифтаанд, мунтазам мониторинг намуда, ҳамасола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самаранокии иқтисодии ин шакли дастгирӣ ҳисобот пешниҳод менамояд.

46. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти татбиқи Барнома ва хароҷоти маблағҳои буҷетӣ ҳисоботи солона таҳия намуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Ҳисоботи мазкур дар сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда мешавад.

## 14. Индикаторҳо

47. Индикаторҳои асосии самаранокии татбиқи Барнома инҳоянд:

- зиёд намудани миқдори субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба 50 фоиз;

- зиёд намудани миқдори ҷойҳои нави корӣ на камтар аз 25 фоиз;
- зиёд намудани ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба 30 фоиз;
- зиёд намудани сармоягузории ватанӣ ба 40 фоиз;
- зиёд намудани хаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ба 30 фоиз;
- зиёд намудани ҳаҷми содироти маҳсулот на камтар аз 50 фоиз;
- зиёд намудани андозаи субсидияҳои давлатие, ки ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна пешниҳод мешаванд, ба 100 фоиз;
- зиёд намудани миқдори қарзҳои имтиёзнок ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна ба 100 фоиз.

## 15. Натиҷаҳои пешбинишуда

48. Натиҷаҳои пешбинишуда аз татбиқи Барнома:
- афзоиши назарраси миқдори субъектҳои соҳибкорӣ;
- такмили имкониятҳои дастрас намудани ёрии молиявӣ, моддию техникӣ ба соҳибкорон;
- афзоиши умумии маҳсулоти дохилӣ, даромади Буҷети давлатӣва ҷойҳои нави корӣ;
- таҷдиди паркҳои технологӣ ва таҷҳизоти истеҳсолӣ;
- таъсиси инфрасохтори дастгирии соҳибкорӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ;
- беҳтар гардидани сифати маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ва рақобатпазир гардидани он;
- афзун гардидани ҳаҷми содироти маҳсулоти ватанӣ;
- зиёд гаштани иқтидор ва маълумотнокии соҳибкорон дар соҳаи ташкил ва ба роҳ мондани тиҷорат;
- бартараф гардонидани монеаҳои маъмурии сунъӣ, ки ҳангоми таъсис ва пешбурди тиҷорат ба вуҷуд меоянд;
- такмили тартиби иҷозатномадиҳӣ ва санҷишҳо;
- ташкил шудани бизнес инкубаторҳо ва марказҳои дастгирии соҳибкорӣ;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди тиҷорат.

Замимаи № 2
Бо қарори Хукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 апрели соли 2012,
№201 тасдиқ шудааст

## Нақшаи чорабиниҳо
## барои амалӣ намудани Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020
## барои се соли аввал

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Натиҷаи кор | Мӯҳлати иҷроиш | Иҷрокунандагон ва шарикон |
|---|---|---|---|---|
| Такмилдиҳии конунгузорӣ дар бахши танзими фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна | | | | |
| 1. | Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти субъект-ҳои соҳибкориро ба танзим медарорад ва коркарди пешниҳодҳо оид ба такмилдиҳии онҳо | Манбаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи соҳибкорӣ беҳтар ва мукаммал гардо-нида мешавад. | мунтазам | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, ташкилот-Жҳои байналмилалӣ бахши хусусӣ |
| 2. | Таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон | Механизми нави дастгирӣ ва | 2012 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | "Оид ба дастгирии давлатии соҳибкорӣ" дар таҳрири нав | ҳимояи давлатии соҳибкорӣ ҷорӣ карда мешавад | | идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор, ташкилотҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ |
| 3. | Таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба муколама байни давлат ва бахши хусусӣ" | Чорчӯбаи қонунгузорӣ ва механизми муколамаи байни давлат ва бахши хусусӣ ҷорӣ карда мешавад | 2012 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор, ташкилотҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ |
| 4. | Гузаронидани таҳлили низоми иҷозатномадиҳӣ ва баррасии пешниҳодҳо оид ба беҳтар намудани он | Ислоҳоти низоми иҷозатномадиҳӣ гузаронида мешавад | 2012-2013 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, ташкилотҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ |
| 5. | Гузаронидани таҳлили низоми санҷишгузаронӣ ва баррасии пешниҳодҳо оид ба беҳтар намудани он | Низоми санҷишгузаронӣ беҳтар мешавад, миқдори санҷишҳо кам карда мешавад | 2012-2013 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, ташкилотЖҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ |
| | Дастгирӣ баҳри устувор намудани муколама байни давлат ва бахши хусусӣ | | | |
| 6. | Гузаронидани таҳлил оид ба вазъи соҳибкорӣ дар ҳама сатҳ ва баррасии пешниҳодҳо оид ба беҳтар намудани он | Маълумоти ҳақиқӣ оид ба вазъи соҳибкорӣ гирифта мешавад ва омилҳое, ки ба рушди соҳибкорӣ халал мерасонанд, ошкор карда мешаванд. | 2012-2014 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии омор, Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ |
| 7. | Аз нав дида баромадани тартиби содироти маҳсулот бо мақсади баррасии пешниҳодҳо оид ба содда намудани он | Тартиби содироти маҳсулот содда карда мешавад | 2012-2014 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, хадамоти гумрук, ташкилотҳои байналмилалӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 8. | Омӯзиш ва баррасии пешниҳодҳо оид ба содда намудани тар-тиби иштироки соҳиб-корон дар тендерҳо ва супоришҳои давлатӣ | Тартиби ишти-роки соҳибкорон дар тендерҳо ва супоришҳои дав-латӣ содда карда мешавад | 2012-2013 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор |
| 9. | Омӯзиш ва баррасии пешниҳодҳо оид ба содда намудани тар-тиби ба иҷора гириф-тани моликияти дав-латӣ аз тарафи соҳибкорон | Тартиби ба иҷора гириф-тани моликияти давлатӣ аз тарафи соҳиб-корон содда карда мешавад | 2012-2013 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 10 | Омода намудани пешни-ҳодҳои содда, шаффоф гардонидани андозҳо ва беҳтар намудани маъмуркунонии онҳо, кам намудани эъло-мияҳо ва ҳисоботҳои андозӣ | Барои рушди соҳибкорӣ шароитҳои мусоид фароҳам оварда мешаванд | мунтазам | Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, Кумитаи давлатии сармоя-гузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук |
| 11 | Гузаронидани вохӯрӣ бо бахши хусусӣ бо мақсади ошкор наму-дани масъалаҳои ҳал-талаб ва баррасии пешниҳодҳо барои бартараф намудани онҳо | Муколамаи байни давлат ва бахши хусусӣ бо мақ-сади бартараф намудани омил-ҳои пешгирандаи рушди соҳибкорӣ ба танзим даро-варда мешавад. | ҳамасола | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати саноат ва энерге-тика, вазорату идораҳои дахлдор, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳоки-мияти давлатӣ, ташкилотҳои бай-налмилалӣ, бахши хусусӣ |
| 12 | Кӯмак барои баргузо-рии намоишҳои тиҷо-ратӣ, ярмаркаҳо ва Форумҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иштирок дар Форум-ҳои иқтисодӣ дар мамолики хориҷӣ | Ҳамкории соҳибкорон беҳтар карда мешавад | мунтазам | Палатаи савдо ва саноат, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатаи сармоя-гузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокими-яти давлатӣ, таш-килотҳои байнал-милалӣ, бахши хусусӣ |
| | Баланд бардоштани иқтидори соҳибкорон | | | |
| 13 | Ташкил ва баргузории семинарҳо, конфронс-ҳо, тренингҳо, курс-ҳои омӯзишӣ, мизҳои | Иқтидори соҳиб-корон баланд карда мешавад | мунтазам | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | мудаввар ва дигар чорабиниҳои омӯзишӣ ва шиносоӣ оид ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ | | | рушди иқтисод ва савдо, Вазорати кишоварзӣ, Вазо- рати саноат ва энергетика, Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягу- зорӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давла- тӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ |
| 14 | Ташкил кардани биз- нес-инкубаторҳо (б.и.) барои соҳиб- корон дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб ва Хоруғ | Миқдори корхо- наҳои соҳибкорӣ зиёд карда мешавад, даст- расии соҳиб- корон ба хизматрасонии машваратӣ, хуқуқӣ ва ғай- раҳо беҳтар мегардад. | 2012-2014 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давла- тӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ |
| | **Дастгирии иттилоотии субъектҳои соҳибкорӣ** | | | |
| 15 | Таъсиси сайти итти- лоотӣ дар шабакаи Интернет барои субъектҳои соҳибкорӣ | Дастрасии соҳибкорон ба маълумотҳои зарурӣ барои ташкил ва пешбурди ти- ҷорат беҳтар карда мешавад. | 2012 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, ташки- лотҳои байналми- лалӣ бахши хусусӣ |
| 16 | Чопи маълумотномаҳо ва дастурҳои методӣ, рисолаҳо оид ба фаъолияти соҳибкорӣ, бюллетенҳои иттило- отӣ, феҳристҳо (ка- талогҳо) маҳсулоте, ки субъектҳои соҳиб- корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол мекунанд. | Дастрасии соҳибкорон ба иттилооти зару- рӣ беҳтар карда мешавад. | мунтазам | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Хадамоти гумрук, Вазорати кишоварзӣ, Вазо- рати энергетика ва саноат, Аген- тии омор, мақо- моти иҷроияи маҳаллии ҳоки- мияти давлатӣ, ташкилотҳо, бахши хусусӣ |
| 17 | Гузаронидани муҳоки- маи оммавӣ оид ба лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки рушди соҳибкориро ба танзим медарорад. | Маълумотнокии соҳибкорон дар соҳаи рушди соҳибкорӣ, қонунгузории андозӣ ва гум- | мунтазам | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи давлатии телеви- зион ва радиошу- |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | рукӣ ва шаффофияти таҳия ва тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баланд бардошта мешавад. | | навонӣ, Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ |
| Дастгирии субъектҳои соҳибкории истеҳсолкунандаи маҳсулот ва (ё) таъминкунандаи кор ва хизматрасонӣ | | | | |
| 18 | Омода намудани пешниҳодҳо ҷиҳати расонидани кӯмаки молиявии давлатӣ ва дигар кӯмакҳо аз дигар сарчашмаҳо ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна | Дастрасии соҳибкорон ба имтиёзҳои молиявии давлатӣ беҳтар карда мешавад. | дар тӯли амалишавии барнома | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати молия, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, ташкилотҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ |
| Такмилдиҳии низоми қарздиҳии молиявии субъектҳои соҳибкории хурду миёна | | | | |
| 19 | Андешидани чораҳои зарурӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи ташкил намудани Фонди муштараки қарздиҳии хурд барои соҳибкорон | Дастрасии соҳибкорон ба маблағҳо беҳтар мегардад, дастрасии соҳибкорон ба имтиёзҳои молиявӣ таъмин мегардад. | 2012 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ |
| 20 | Омода намудани пешниҳодҳои асоснок оид ба паст намудани фоизҳои қарздиҳӣ аз тарафи Бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | Дастрасии соҳибкорон ба манбаъҳои молиявӣ беҳтар мегардад, шароитҳои мусоид барои гузаронидани муомилоти қарзӣ, лизингӣ ва ғайраҳо | 2012 | Бонки миллӣ, Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| 21 | Такмилдиҳии механизмҳои ҷорикунандаи институти кафил ҳамчун роҳи алтернативии институти гарав | Дастрасии соҳибкорон ба маблағҳо беҳтар мегардад, миқдори муомилоти қарзӣ зиёд мешавад | 2013-2014 | Бонки миллӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 22 | Ташкил намудани меха-низм ва сохтори қарз-диҳии хурд ва худ-маблағдиҳии субъект-ҳои соҳибкории хурд ва миёна (кооператив-ҳои қарздиҳӣ) | Дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои хурд беҳтар мегар-дад, имкониятҳо барои худмаб-лағгузории субъектҳои соҳибкории хурду миёна беҳтар мегардад | 2013-2014 | Бонки миллӣ, Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, ташки-лотҳои байнал-милалӣ, бахши хусусӣ |
| 23 | Омода кардани меха-низми лизинги молиявӣ | Таҷҳизоти кӯҳна аз нав карда мешавад | 2012-2013 | Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ,вазорату идораҳои дахлдор, ташкилотҳои бай-налмилалӣ, бахши хусусӣ |
| 24 | Беҳтар сохтани муҳити соҳибкории мусоидат-кунандаи рушди иқти-сод ва таъсис додани ҷойҳои нави корӣ тавассути дасггирии давлатӣ ва ҳавасманд-гардонии моддии соҳибкороне, ки барои омӯзиши кормандон маблағҳо ҷудо карда, кор хонаҳои хурду миёнаро таъсис медиҳанд ва соҳаҳои истеҳсолиро тараққӣ медиҳанд. | Омӯзонидани кормандони кор-хонаҳои хурду миёна афзоиш меёбад | 2012-2013 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷи-кистон, вазорату идораҳои дахлдор, ташкилотҳои бай-налмилалӣ, бахши хусусӣ |
| 25 | Бунёди заминаи инсти-тутсионалии шаффоф ва оммафаҳми соҳибкорӣ, мураттаб сохтани шаклҳои соҳибкорӣ ҷорӣ намудани тартиби соддагардидаи бақайд-гирии фаъолияти хоҷа-гидорӣ дар шакли шахсони ҳуқуқӣ, ки ба принсипи "Равзанаи ягона" асос ёфтааст, ва бо ин восила харо-ҷотҳо кам кардааст | Заминаи инсти-тутсионалии соҳибкории пойдор таъсис дода мешавад | 2012-2013 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикис-тон, вазорату идораҳои дахлдор, ташкилотҳои байналмиллалӣ, бахши хусусӣ |
| 26 | Меъёрҳои тафриқаноки пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ барои катего-рияҳои гуногуни андозсупорандагон муқаррар карда шавад | Ҳифзи иҷтимоии андозсупоран-дагон беҳтар мегардад | 2013 | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии самоягузорӣ ва |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои дахлдор, ташкилотҳои байналмилалӣ, бахши хусусӣ |